**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»**

# ТАВСИЯИ МЕТОДӢ

## Нақши Шӯроҳои муҳандисию омӯзгорӣ ва методӣ дар баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва маҳорати касбии кормандонии муҳандисию омӯзгорӣ

(аз таҷрибаи МДТ «Литсейи касбии техникии шаҳри Истиқлол»)

Душанбе 2016

**Тавсияи методӣ дар Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» 20.09.2016, №4 баррасӣ шудааст.**

**Таҳиягар:**
**Ниёзмуҳаммад Ниёзов** – директори МДТ «Литсейи касбии техникии ш.Истиқлол»

**Муҳаррирон:**
**Ислом Раҳмонов** – мудири табъу нашри МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»
**Раҳим Илёсов** – сардори шуъбаи таълимӣ-методии МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»

**Зери назари**
**Темур Табаров** – директори МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»

# Аҳамияти Шӯроҳои муҳандисию омӯзгорӣ, методӣ дар баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва маҳорати касбӣ

Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷату санадҳое, ки ба кори соҳаи маориф омода карда шудаанд, дар муассисаи таълимӣ ташкил карда мешавад. Низомномаи Шӯрои муҳандисию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси моддаи 34-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳия ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.09.2007, №18-15 тасдиқ карда шудааст.

Ба ҳайати Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ директор, муовинони директор, сарусто, мудири китобхона, раисони сикли фаннӣ, омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, инчунин намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил шуда метавонанд. Шумораи ҳайати Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ бо фармоиши директор муайян карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ ба ҷаласаи Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ намояндагони Вазоратҳои дахлдор, Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва дигар шахсони масъул даъват карда мешаванд. Он шахсони даъватшуда ҳуқуқи овоздиҳӣ надоранд, аммо ҳуқуқи пешниҳод намуданро оид ба масъалаи муҳокимагардида доранд. Ҳар як аъзои Шӯро ҳуқуқ дорад, ки дар муҳокимаи масъалаи он иштирок намояд, барои беҳтар гардидани фаъолияти муассисаи таълимӣ фикри худро пешниҳод намояд.

Вазифаи асосии Шӯрои муҳандисию омӯзгории муассисаҳои таълимӣ ин муттаҳид намудани ҳайати омӯзгорону кормандон баҳри амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи маориф», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва фармоишҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату кумитаҳо, таъмин намудани сифати баланди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, такмили сифати таълиму тарбия вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва дурнамои инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоии иборат мебошад.

Ҳайати Шӯрои муҳандисию омӯзгории муассисаи таълимӣ бо фармоиши директор ба муҳлати се сол тасдиқ карда мешавад. Дар сурати аз муассисаи таълимӣ рафтани аъзои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ то ба охир расидани муҳлати Шӯро дар асоси фармоиши директор ҳайати он пурра карда мешавад.

Ҷаласаи Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ тибқи нақшаи тасдиқ кардашуда ҳар моҳ як бор гузаронида мешавад. Дар ҳолати зарурӣ бо ташаббуси аъзоёни Шӯро ё раиси Шӯро ҷаласаи ғайринавбатӣ даъват карда мешавад. Нақшаи кори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ дар оғози соли хониш, баъдӣ баррасӣ намудан дар Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ аз тарафи директори муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

**Шӯрои муҳандисию омӯзгории муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ масъалаҳои зеринро баррасӣ менамояд:**

– чорабиниҳо оид ба иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

– масъалаҳои таълимӣ, методӣ, тарбиявӣ, илмӣ, молиявӣ -хоҷагӣ;

– ҳисоботи қисмҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, методӣ, таълими истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, молиявӣ-хоҷагӣ оид ба тайёр намудани мутахассисон.

– тағйир додани сохтори муассисаи таълимӣ;

– тасдиқи накшаҳои фаъолияти солонаи муассиса ва барномаҳои таълимӣ;

– ташкили раванди таълим;

– пешбарӣ намудани номзадҳо ба стипендияи номӣ аз ҳисоби хонандагони пешқадаму фаъол;

– ҷамъбасти фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ;

– масъалаи аз курси такмили ихтисос гузаштани роҳбарону омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ;

– ҳисоботи роҳбарони иттиҳодияи фаннӣ;

– тасдиқи низомномаҳо оид ба низом даровардани фаъолияти таълимгоҳ;

– муҳокима ва тасдиқи натиҷаи қабули довталабон ва хатми мутахассон;

– муҳокима ва тасдиқи нақшаи миёнамуҳлат ва дарозмуддати рушди муассисаи таълимӣ;

– доир ба ташкил намудани механизми таълими пулакӣ, маҳфилҳо, студияҳо, ҳавасмандкунӣ ва ҷазо;

– вазъи компютеркунонии муассиса;

– масъалаҳои тайёр намудани мутахассисон вобаста ба бозори меҳнат;

– дар ҳолатҳои зарурӣ масъалаҳои ба вазифаи ишғолкардашуда мувофиқат намудани кормандони алоҳидаи муассисаи таълимӣ.

Ҷаласаи Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ дар вақтҳои муайян гузаронида шуда, аъзоёни Шӯро бо рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ як ҳафта пеш шинос карда мешаванд.

Қарорҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ аз рӯи ҳамаи масъалаҳои муҳокимашудаи таълимӣ, тарбиявӣ, методию илмӣ, молиявию хоҷагӣ бо овоздиҳии кушод, бо афзалияти овозҳо қабул карда мешаванд.

Аъзои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ вазифадораст, ки дар ҷаласаи Шӯро иштирок намояд. Кормандони муассисаи таълимӣ, ки масъалаи онҳо дар ҷаласаи Шӯро муҳокима карда мешавад, ҳуқуқ доранд дар Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ иштирок намоянд.

Ҷаласаи Шӯро протокол карда шуда, ба он Раис ва котиб имзо мегузоранд. Дар ҳар як протокол рақам, рӯзи ҷаласа, шумораи иштирокчиён, рӯзномаи ҷаласа, баромади аъзоёни Шӯро дар шакли мухтасар ва қарори қабулнамудаи Шӯро қайд карда мешавад. Протокол, мавод ва қарори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ба расмият дароварда шуда, муқовабандӣ шуда, ҳар як саҳифааш рақамгузорӣ карда мешавад ва дӯхта мешавад. Протоколҳои Шӯро ҳуҷҷати асосӣ буда, дар таълимгоҳ нигоҳ дошта мешаванд.

Раиси Шӯрои муҳандисӣ-омӯзгорӣ иҷрои қарорҳои Шӯроро назорат намуда, натиҷаи онҳоро дар ҷаласаи Шӯро барои муҳокима пешниҳод менамояд.

Барои ба низом даровардани ҳуҷҷатгузорӣ, гузаронидани Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ аз ҳисоби омӯзгорон котиби Шӯро таъин карда мешавад. Котиби Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ аз дигар вазифаҳои ҷамъиятӣ озод карда мешавад. Иҷрои қарори Шӯро, ки ба салоҳияти худ қабул шуда, хилофи қонунҳои амалкунанда нест, барои ҳамаи сохторҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

Котиби Шӯрои муҳандисию омӯзгории муассисаи таълимӣ ҷиҳати сари вақт гузаронидани ҷаласа, тайёр намудани масъалаҳои нақшавӣ, омода намудани лоиҳаи қарорҳои Шӯро,

таҳияи нақшаи кори Шӯро, сари вақт шинос намудани аъзоёни Шӯро ба рӯзнома, тартиб додани протоколи Шӯро, таъмин намудани иштироки аъзоён ба ҷаласаи Шӯро, назорати иҷрои қарорҳои қабул намудаи Шӯро масъул буда, оид ба иҷрои қарорҳои Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ дар ҷаласаи Шӯро ахборот пешниҳод менамояд.

Раиси Шӯро ҳуқуқ дорад амали қарорҳои хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бударо боз дорад.

**Нақшаи намунавии Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ**

| № | Мавзӯъҳои муҳокимашаванда | Муҳлати иҷро | Шахси масъул | Натиҷаи иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Фаъолияти кори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ дар соли хониши гузашта ва вазифаҳо дар соли хониши нав.<br>– дида баромадан ва тасдиқ намудани нақшаи кори солонаи муассиса, Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ, Иттиҳодияҳои методӣ, тасдиқи реҷаҳои кории муассиса.<br>– интихоби Раис ва котиби Шӯро, аъзоёни нави Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ тақсими вазифаҳои ҷамъиятӣ дар байни онҳо.<br>-ахбороти роҳбари муассиса оид ба анҷоми корҳои таъмирӣ, тайёрии муассиса барои хуб гузаронидани давраи тирамоҳу зимистон.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Август | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2 | – Натиҷаи кори Комиссияи қабул ва қарори Шӯро дар бораи ба сафи хонандагон қабул намудани довталабон баъди ташкил ва гузаронидани суҳбат.<br>– натиҷаи кори Комиссия оид ба баҳисобгирии молу амвол.<br>– ахбороти ҷонишини директор оид ба риояи қатъии реҷаи корӣ аз тарафи омӯзгорон, устоҳои таълимӣ, кормандони хоҷагӣ, иштироки хонандагон ба дарс.<br>– ахбороти ҷонишинҳои дирекор, мушовир ва раисони иттиҳодияҳои методӣ оид ба тасдиқи нақшаҳои тақвимии омӯзгорон, устоҳои таълимӣ, нақшаҳои тарбиявии роҳбарони гурӯҳҳо, нақшаҳои мудирони ҳуҷраҳо, устохонаҳо, озмоишгоҳҳо, роҳбарони Шӯрои ҷамъиятӣ ва созмонҳои талабагӣ ва тасдиқи онҳо.<br>– масъалаҳои ҷорӣ | Сентябр | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 3 | – дида баромадани иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассиса. | Октябр | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | – натиҷаи мониторинги сифати таълим аз фанҳои забони давлатӣ, забони русӣ ва забони англисӣ.<br>– ҳисобот оид ба истифодабарии бланкаҳои дипломҳо ва шаҳодатномаҳо.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | | | |
| 4 | – натиҷаи санҷиши дарсҳои тахассусӣ дар гурӯҳҳо.<br>– ахборот оид ба фаъолияти созмонҳои талабагӣ.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Ноябр | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 5 | – роҳҳо ва усулҳои омӯхтан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ.<br>– ахбороти методисти муассиса дар бораи фаъолияти Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ.<br>– ахборот дар бораи иҷроиши барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.<br>– тасдиқи нақшаю чорабиниҳои маъмурияти муассиса барои таътили зимистона.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Декабр | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6 | – ҳисоботи роҳбари муассиса оид ба фаъолияти нимсолаи литсей.<br>– ахборот дар бораи ҷамъбасти нимсола дар муассиса.<br>– масъалаҳои ҷорӣ.<br>– хонишҳои педагогӣ | Январ | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 7 | – ҳисобот дар бораи омодагии мунтазами хонандагони гурӯҳҳои хатмкунанда ба аттестатсияи ҷорӣ ва давлатии хатм.<br>– натиҷаи санҷиши дониши хонандагони гурӯҳҳо аз фанҳои умумӣ.<br>– ахбороти сарустои муассиса дар бораи фаъолияти устоҳои таълими истеҳсолӣ<br>– натиҷаи озмунҳои «Омӯзгори беҳтарин», «Падару модари беҳтарин», «Донишҷӯи беҳтарин».<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Феврал | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 8 | – ахборот оид ба омодасозии барномаҳои муфассали таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагон аз рӯи ҳамаи касбҳо ва барои ҳар як гурӯҳи таълимӣ, бастани шартнома ба корхонаҳои такягоҳӣ ва ба тартиб даровардани ҳуҷҷатҳо доир ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ . | Март | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | – ҳисобот оид ба рафти корҳои тарбиявӣ дар муассиса мувофиқи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».<br>– ахборот оид ба рафти тайёрӣ барои супоридани санҷишҳо, аттестатсия ҷорӣ ва давлатии хатм.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | | | |
| 9 | – ҳисобот оид ба фаъолияти китобхона ва нақши он дар баланд бардоштани ҷаҳонбинии хонандагон.<br>– ахборот дар бораи фаъолияти Комиссияи қабул.<br>– ахборот дар бораи натиҷаи аттестасияи омӯзгорон ва ҳуҷҷатгузорӣ оид ба масъалаи мазкур.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Апрел | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 10 | – ҳисобот дар бораи фаъолияти истеҳсолӣ дар муассиса.<br>– ахборот оид ба фаъолияти кормандони хоҷагӣ дар муассиса ва рафти тайёрӣ барои сифатан хуб гузаронидани давраи тирамоҳу зимистон.<br>– ахборот оид ба рафти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва алоқаи устоҳои таълимӣ ба корхонаҳои такягоҳӣ.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Май | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 11 | – ҳисобот оид ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва роҳ додани хатмкунандагон ба аттестасияи давлатӣ ва тахассусмуайянкунӣ, омодасозии ҳуҷҷатҳои зарурӣ<br>– ахборот дар бораи ба рухсатии меҳнатӣ баровардани омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва кормандони хоҷагӣ.<br>– ҳисобот дар бораи фаъолияти муассиса дар соли хониши гузашта.<br>– масъалаҳои ҷорӣ. | Июн | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |
| 12 | – ҳисобот дар бораи ҷамъбасти аттестасияи давлатии хатм.<br>– ахборот оид ба рафти омодасозии ҳуҷҷатҳо оид ба гирифтани бланкаҳои дипломҳо, таъин ва тасдиқ намудани шахсоне, ки онҳоро пур мекунанд.<br>– ахборот оид ба муайян намудани вазифаҳои маъмурияти муассиса дар давраи тобистон.<br>-масъалаҳои ҷорӣ. | Июл | Раиси Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | |

Ҳадаф аз нишон додани фаъолияти Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ва Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар он аст, ки хадамоти методии таълимгоҳ масъалаҳои талаботи рӯзмарраи муассисаи таълимиро ба нақша гирифта, баҳри амалӣ намудани он ба такмили корҳои методӣ саъю кӯшиш кунад.

Чӣ тавре, ки дида мешавад, дуруст ташкил кардан ва ба роҳ мондани кори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ ба сифати таълим, тарбия, сатҳи дониши тарбиятгарон, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, усулҳои муосири таълим, иҷрои барномаҳои таълимӣ ва шаффофияти озмунҳои фаннӣ таъсири бевосита мерасонад. Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти онҳо аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ танҳо донишу малака, масъулиятшиносию дилгармӣ ба кор лозим аст. Инчунин бояд қайд кард, ки дар раванди таълим ва тарбия дар муассисаи таълимӣ ҷаласаи назди директор низ ва фармоиши он нақши ҳалкунанда мебозанд ва дар қатори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ барои сифатан беҳтар намудани ҷараёни таълим ва тарбия ҷавобгӯй мебошанд. Аз ин лиҳоз, махсусан барои роҳбарони ҷавон, номгӯйи фармоишҳои директор ва муҳлати гузаронидани онҳо ба таври ҷадвал дар поён нишон дода мешавад.

Шӯрои методии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи низомнома ба қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 2007 таҳти рақами 18-16 тасдиқ гардида, мақоми машваратӣ ва хизматрасонии методиро дорад. Он бо мақсади таъмини омодагии таълимию методии ҳайати муҳандисию омӯзгорӣ оид ба амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ оид ба пайдо кардани кадрҳои коргарӣ, беҳтар намудани сифати дониши хонандагон ва маҳорати касбии омӯзгорону устоҳои таълимии истеҳсолӣ ташкил карда мешавад.

Ҳангоми дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ панҷ нафар ё аз ин зиёд будани омӯзгорони фанҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тахассусӣ доир ба як ё якчанд ихтисоси ба ҳам наздик иттиҳодияҳои методии фаннӣ ташкил карда мешаванд. Масалан, иттиҳодияҳои методии фаннӣ доир ба фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фанҳои дақиқию риёзӣ, фанҳои тахассусӣ муштаракан ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

Ҳайати ҳама гуна иттиҳодияҳои фанниро директори таълимгоҳ пеш аз шурӯъ гардидани соли хониш бо фармоиши худ муайян мекунад. Тибқи фармоиши мазкур ва тавсияи Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ омӯзгорони нисбатан собиқадор, ки таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва малакаи пешқадами корӣ доранд, раиси ҳар як иттиҳодияи методӣ таъин карда мешаванд.

Раиси иттиҳодияҳои методии фаннӣ баҳри ташкил ва пурмазмун гузаронидани кори иттиҳодия масъул аст. Вай нақшаи кори бахши методиро тартиб медиҳад, онро раиси Шӯрои методӣ тасдиқ менамоянд. Мувофиқи нақша ба кори иттиҳодияҳои методии фаннӣ раиси Шӯрои методӣ роҳбарӣ менамояд, раиси иттиҳодияи методии фаннӣ маҷлиси иттиҳодияи методиро тайёр карда мегузаронад, иҷрои қарорҳои онро таъмин менамояд, ба аъзои иттиҳодия ёрии методӣ мерасонад, дарсҳои кушод, ҳафтаҳои фаннӣ, семинарҳо ва практикумҳо мегузаронад, корҳоро назорат ва ҳисобу китоб мекунад. Ҳисоботи кори иттиҳодияи методии фаннӣ ҳар моҳ ба раиси Шӯрои методӣ пешниҳод карда мешавад

Шӯрои методӣ доир ба беҳтар намудани мазмун ва методикаи таълими ихтисосҳои асосӣ, иттиҳодияҳои методии фаннӣ бошанд, доир ба такмили таълими фанҳои назариявию истеҳсолии дахлдор тавсияномаҳои амалӣ тайёр менамоянд.

**Вазифаҳои Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ иборатанд аз:**

– омӯхтани мазмуни нақшаю барномаҳои таълимӣ ва доир ба такмил додани онҳо пешниҳод кардани дархостҳо, омӯхтани фармоишҳо, мактубҳои дастурӣ-методӣ, коркарди тадбирҳо доир ба амалӣ гардонидани онҳо, муҳокимаи корҳои таълимӣ, нақшаҳои таълими истеҳсолӣ, аз назар гузаронидани мазмун ва натиҷаи гузаронидани корҳои санҷишӣ, ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ, сифати дониш ва малакаҳои хонандагон доир ба ихтисоси интихобкардаашон, пешниҳоду таклифҳо доир ба беҳтар намудани сифати таъ-

лиму тарбияи хонандагон, тартиб додани тадбирҳо оид ба раванди ҷорӣ кардани техника ва технологияи нав, инчунин комёбиҳои муосири илм дар раванди таълим, муҳокимаи тадбирҳо доир ба беҳтар кардани корҳои кабинетҳои таълимӣ ва устохонаҳои таълимӣ, тартиб додани нақшаҳо оид ба ҷорӣ намудани усулҳои ташкили илмии меҳнат, муҳокимаи нақшаҳои корҳои беруназсинфӣ бо хонандагон, мутоилаи китобу дастурҳои методӣ ва мақолаҳои бо усули пешқадами меҳнат аз рӯи касб, инчунин методикаи таълим ва таҷрибаи пешқадами корҳои омӯзгорӣ бахшидашуда; омӯхтану паҳн кардани таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва ғайраҳо мебошад.

Кори Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ аз рӯи нақшае, ки барои ҳар як нимсола тартиб дода мешавад, баргузор мегардад. Дар вақти банақшагирӣ бояд талаботи умумӣ ба ташкили таҳсилот тадбирҳои муассири таълимӣ барои давраи банақшагирифташаванда дар назар дошта, ҳайати ҳақиқии хонандагон дар гурӯҳҳои таълимии ихтисоси дахлдор, зарурати ёрии мушаххас расондан ба омӯзгорони ҷавон ба эътибор гирифта шавад.

Мазмуни кори Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ мувофиқи нишондодҳои доир ба ташкил ва гузаронидани кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба тартиб дароварда мешавад. Мувофиқи мақсад ва хусусияти кори методии таълимгоҳ Шӯрои методию иттиҳодияҳои методии фаннӣ доир ба касбҳо барои беҳтар намудани ташкил, мазмун ва методикаи таълими ихтисосҳо, тавсияномаҳои амалӣ тартиб медиҳанд ва доир ба такмил додани таълими фанҳои назариявии дахлдор чораҳои мушаххас меандешанд. Азбаски ташкили таълим ва методикаи он мунтазам такмил мееёбад, комиссияҳои методӣ бояд доир ба ҷамъбаст кардани таҷрибаи пешқадам ва дар кори таълим ҷорӣ намудани он корҳои зиёдеро ба анҷом расонанд.

Мактубҳои дастурӣ, методӣ ва амрномаҳое, ки ба таълимгоҳ дохил мешаванду ҳангоми таълими ихтисосҳои муайян ба ҷиҳати

алоҳидаи ташкили раванди таълим дахл доранд, аз ҷиҳати методӣ омӯхта шуда, барои амалӣ гардонидани нуктаҳои онҳо тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Агар ин ҳуҷҷатҳо, ба кори раванди таълимӣ марбут бошанд, онҳо дар Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ ё ҷаласаҳои методӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Дар кори Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ масъалаҳои такмили маҳорати педагогии омӯзгорон, тартиб додани тадбирҳои мутобиққардашудаи педагогӣ, ки барои дар хонандагон ташаккули дониш, малакаю маҳорат ва тарбияи ахлоқии онҳо нигаронида шудаанд, мақоми асосиро ишғол мекунанд.

Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ, ки дар таълимгоҳ ташкил карда мешаванд, ба масъалаҳои вобаста ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани коргарони баландихтисос ва дар раванди таълим ҷорӣ намудани шаклу усулҳои самарабахши таълим машғул мешаванд.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини комиссияи методӣ шинос шудан ба мундариҷаи нақшаю барномаҳои таълимӣ мебошад, ки онҳо ҳаҷми ҳатмии маводи таълимӣ, мазмуни он, вақт ва пайдарҳамии омӯзишро муайян мекунад. Омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ ба омӯзиши муфассали нақшаю барномаҳои таълимӣ ба муқаррар намудани талаботи ягонаи тайёр намудани коргарони ин ё он касб муваффақ шуда наметавонад. Дар айни ҳол ба мазмуни тавзеҳоти барномаҳо, тавсифоти касбинтихобкунӣ, тақсими вақте, ки барои омӯхтани ин ё он мавзӯъ ҷудо карда мешавад, махсусан диққат додан лозим аст.

Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ пеш аз саршавии соли хониш барномаҳои аз нав чопшударо омӯхта, қайд мекунад, ки кадом масъалаҳои вобаста ба ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав, усулҳои нави таълимӣ, комёбиҳои муосири илму техникаро ба курси омӯхташаванда дохил кардан зарур аст ва ба омӯзгорону устоҳои таълимӣ дар интихоби маводи дахлдори мавзӯъҳои барнома ёрӣ мерасонад.

Шӯрои методӣ мешавад аз ҳаҷми соатҳои умумии дар нақша додашуда набаромада, ба нақшаи таълимӣ дар мувофиқа ба «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониториги сифати таълим» тағйирот ворид намояд. Ҳамчунин, дар пайдарҳамии омӯзишии фанҳои

дар нақша воридгардида ислоҳот дарорад. Барои пешбурди кори самараноки иттиҳодияҳои фаннӣ ба роҳбарони комиссияҳои бахши методӣ роҳбарият аз ҳисоби даромадҳои истеҳсолӣ дар ҳаҷми 10% аз музди меҳнати миёна пардохт менамояд.

**Нақшаи намунавии Шӯрои методӣ**

| № | Номгӯйи тадбирҳо | Муҳлати иҷро | Шахси масъул | Натиҷаи иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Фаъолияти кори Шӯрои методӣ дар соли хониши гузашта ва вазифаҳо дар соли хониши нав.<br>– баррасӣ ва тасдиқи нақшаи кори солона, корҳои методӣ ва нашри мавод дар рӯзномаю маҷаллаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ | Август | Раиси Шӯрои методӣ | |
| 2 | – таҳияи ҷадвали дарсҳои кушод;<br>– баррасии навигариҳои методӣ аз матбуоти даврӣ ва марказҳои таълимию методӣ. | Сентябр | Ҳайати Шӯрои методӣ | |
| 3 | – дида баромадани усулҳои ба тарзи хаттӣ санҷидани дараҷаи дониши хонандагон.<br>– мушоҳидаи дарсҳо ва расонидани ёрии методӣ.<br>– вобаста намудани омӯзгорони ҷавон ба омӯзгорони таҷрибанок. | Октябр | Аъзои Шӯрои методӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | – ба курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳо сафарбар намудани омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ.<br>– иштирок ба дарсҳои ҳамдигар<br>– дида баромадани ҳолати журналдорӣ ва қайди дарсҳои назариявию таҷрибаомӯзӣ | Ноябр | Раиси Шӯрои методӣ ва ҳайати он | |
| 5 | – роҳҳо ва усулҳои омӯхтан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ<br>– омӯзиши Паёмҳои Президенти кишвар ва дигар маводи амалии соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ касбӣ<br>– дида баромадани рафти иҷрои корҳои санҷишӣ. | Декабр | Аъзои Шӯрои методӣ | |
| 6 | – тартиб додани ҷадвали дарсҳо, дарсҳои иловагию факултативӣ ва дигар маҳфилҳо<br>– санҷиши банақшагирии нақшаи худомӯзии омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ<br>– санҷиши иҷрои корҳои санҷишию курсии хонандагон | Январ | Ҳайати Шӯрои методӣ | |
| 7 | – баррасии тарзи гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ ва касбӣ<br>– ҷалби омӯзгорон ба корҳои илмӣ-методӣ ва | Феврал | Раиси Шӯрои методӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | таҳияи маводи таълимӣ -санҷиши иҷрои нақшаи таълимӣ оид ба дарсҳои назариявӣ, таълими истеҳсолӣ ва таҷриба-омӯзӣ. | | | |
| 8 | – беҳтар ба роҳ мондани сифати таълими фанҳо бо истифодаи асбобҳои айёнӣ, дидактикӣ ва воситаҳои техникӣ.<br>– ороиши кабинети методӣ ва аз нав кардани баъзе дастурҳо, гӯшаю лавҳаҳо ва ҷузвдонҳои он. | Март | Ҳайати Шӯрои методӣ | |
| 9 | – таҳияи коркардҳои методӣ ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ.<br>– дида баромадан ва омӯхтани нақшаю барномаҳои таълимӣ.<br>– омодагӣ ба аттестатсияи ҷорӣ, хатм, қабул ва ҷамъбасти онҳо. | Апрел | Аъзои Шӯрои методӣ | |
| 10 | – ташкил ва гузаронидани аттестатсияи кормандони педагогӣ.<br>– дида баромадани тестҳо ва саволҳои иловагии санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ, давлатӣ ва қабул.<br>– омӯхтани вазъи нигоҳдории дафтарҳои хонандагон ва тозагии онҳо. | Май | Ҳайати Шӯрои методӣ | |

## Нақшаи намунавии иттиҳодияи (бахшҳои) методӣ

| № | Номгӯйи тадбирҳо | Муҳлати иҷро | Шахси масъул | Натиҷаи иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | – таҳлили кори иттиҳодияи методии фанҳои... дар соли сипаришуда ва вазифаҳо дар соли нави таҳсил.<br>– баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи нақшаи кори солонаи иттиҳодияи методӣ ва барои тасдиқ пешниҳод намудани он.<br>– омӯзиши мазмун ва мундариҷаи стандарт ва барномаҳои таълимӣ,. аснодҳои меъёрию ҳуқуқӣ.<br>– таҳияи нақшаи тақвимӣ, муҳокима намудани он дар иттиҳодияҳои методӣ, муайян сохтани мувофиқати он ба барномаи таълимӣ ва барои тасдиқ пешниҳод намудани нақша. | Август | Маъмурият, Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 2 | – иштирок ба дарсҳои омӯзгорон бо мақсади таҳлили дарс<br>– ташкили чараёни худомӯзии омӯзгорон.<br>– кори амалӣ:банақшагирии дарсҳо дар асоси технологияи таълим бо иҷрои талаботи стандарти давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. | Сентябр | Ҳайати Шӯрои методӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | – дарси муосир: сохт ва банақшагирии он.<br>– ҳафтаи фаннӣ.<br>– иштирок ба дарсҳои омӯзгорон бо мақсади таҳлили методикаи умумии таълим. | Октябр | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 4 | – машварат «Таҳлили дарс ва навъҳои таҳлил».<br>– мониторинг ва арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фани омӯхташаванда<br>– кор бо дафтари хонандагон<br>– иштирок дар дарсҳои омӯзгорони ҷавон ва таҳлили он. | Ноябр | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 5 | – иштирок дар дарсҳои омӯзгорон бо мақсади паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ.<br>– гузаронидани озмуни «Омӯзгори беҳтарин». | Декабр | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 6 | – дарси намунавӣ: «Истифодаи технологияи муосири таълимӣ».<br>– дарси самаранок-натиҷаи ташкили фаъолияти ҳамкории омӯзгор ва хонандагон. | Январ | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 7 | – иштирок ба дарсҳои мутахассисони ҷавон.<br>– таҳияи мавод: саволномаву машқҳо, масъалаву мисолҳо барои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон. | Феврал | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | – мониторинг ва арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фанҳои омӯхташаванда. | | | |
| 8 | – ташкили муносибатҳои фардӣ ба хонандагон дар дарс (аз натиҷаи иштирок дар дарс).<br>– «Мазмун, шакл ва усулҳои кор бо падару модар». | Март | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 9 | – иштирок ба дарсҳои ҳамдигар бо мақсади шиносшавӣ ба методикаи таълим.<br>– натиҷаи кори худомӯзии омӯзгорон (аз ҳисоботи омӯзгорон). | Апрел | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |
| 10 | – мониторинг ва арзёбии дониш, малака ва маҳорати ҳонандагон.<br>– таҳияи лоиҳаи нақшаи кори солонаи иттиҳодияи омӯзгорон барои соли хониши оянда.<br>– ҷамъбасти сол. | Май | Маъмурият. Роҳбари иттиҳодияи методӣ. Омӯзгорон. | |

## Номгӯйи фармоишҳои директор

| № | Мавзӯъҳои фармоиш | Мухлати гузаронидани Шӯро |
|---|---|---|
| 1 | Фармоиш дар бораи ҷобаҷогузории кадрҳо ва муайян намудани сарбории аъзоёни маъмурият, омӯзгорон, устоҳои таълимӣ ва кормандони хоҷагӣ. (соатҳо, вазифа, мудири ҳуҷра, роҳбари гурӯҳ) дар ин ҷо ҳатман сарбории омӯзгорони расмӣ ва ҳамкоронро бояд ба ҳисоб гирифт | Август |
| 2 | Фармоиш дар бораи ташкили Комиссияи тарификатсионӣ дар ҳайати 5-7 нафар. | Август |
| 3 | Фармоиш дар бораи тақсимоти вазифаҳои ҷамъиятӣ дар байни аъзоёни коллектив (раиси Шӯрои методӣ, роҳбарони созмонҳои талабагӣ, Шӯрои занон ва ғ. | Август |
| 4 | Фармоиш дар бораи вобаста намудани омӯзгорони ҷавон ба омӯзгорони собиқадор | Август |
| 5 | Фармоиш дар бораи қабули хонандагон ва сабти онҳо дар китоби «ном ба ном» | Сентябр |
| 6 | Фармоиш дар бораи тасдиқи нақшаҳои фаъолияти солонаи муассиса, муовинҳои директор, сарусто, методист, роҳбари ҳарбӣ, мудири китобхона, мудири хоҷагӣ, нақшаҳои тақвимии омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, нақшаҳои тарбиявии роҳбарони гурӯҳ, мудирони ҳуҷра ва ғ. | Сентябр |
| 7 | Фармоиш дар бораи ташкили Комиссияи баҳисобгирии молу амвол (аз 5-7 нафар) | Октябр |
| 8 | Фармоиш дар бораи ташкил ва гузаронидани баҳисобгирии молу амволи муассиса бо нишондоди мухлат аз тарафи ҳайати комиссия. | Октябр |
| 9 | Фармоиш дар бораи гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, ҳафтаҳои фаннӣ ва тарбиявӣ, конференсияҳо, шанбегиҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо, чорабиниҳои варзишӣ, шабҳои саволу ҷавоб, экскурсияҳо ва ғ. бо нишондоди мухлат ва масъулин ё ҳайати комиссия. | Мувофиқи нақша |

| | | |
|---|---|---|
| 10 | Фармоиш дар бораи ташкил намудани Комиссияи аттестасионӣ барои гузаронидани омӯзгорон, устоҳои таълимӣ аз аттестасияи навбатӣ дар асоси «Низомномаи аттестасияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.04.2007, № 8-4 | Декабр |
| 11 | Фармоиш дар бораи ташкил намудани Комиссияи қабул | Январ |
| 12 | Фармоиш дар бораи таъин намудани котиби масъули комиссияи қабул дар асоси фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Январ |
| 13 | Фармоиш дар бораи фиристонидани аъзоёни маъмурият, омӯзгорон, устоҳои таълимӣ ба курсҳои бозомӯзӣ ва сафари хизматӣ дар асоси мактуб ё барқияи телефонӣ аз тарафи идораҳои болоӣ бо нишондоди муҳлат ва макони баргузорӣ | Мунтазам мувофиқи дархост |
| 14 | Фармоиш дар бораи ба кор қабул намудан, ё аз вазифа озод намудан, ё ба вазифаи дигар гузаронидан дар асоси ариза, раводиди роҳбар ё бо қарори маҷлиси иттифоқи касаба бо нишон додани моддаи дахлдори «Кодекси меҳнат» Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам |
| 15 | фармоиш дар бораи фиристонидани хонандагони муассиса ба корхонаҳои такягоҳӣ дар асоси пешниҳододи Комиссия | Март-апрел |
| 16 | Фармоиш дар бораи ташкили Комиссия оид ба тақсимкунии шахсии хонандагон ба корхонаҳои такягоҳӣ | Март |
| 17 | Фармоиш дар бораи ба аттестатсияи аз курс ба курсгузаронӣ ва хатм роҳ додани хонандагон дар асоси Қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи аз курс ба курсгузаронӣ ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 141 аз 15.12.2006) | Апрел |

| | | |
|---|---|---|
| 18 | Фармоиш дар бораи тасдиқи Раисони Комиссияи имтиҳоноти хатм дар асоси фармоиши идораҳои болоӣ | Апрел |
| 19 | Фармоиш дар бораи ташкили Комиссия оид ба гузаронидани аттестатсияи аз курс ба курсгузаронӣ ва хатм | Апрел |
| 21 | Фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул барои пур кардани бланкаҳои дипломҳо ва шаҳодатномаҳо дар асоси қарори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | Июн |
| 22 | Фармоиш дар бораи ҳавасмадгардонии ҳайати кормандон ва хонандагон дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳақуқӣ | Мунта-зам |
| **23** | Фармоиш дар бораи аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд намудани кормандони муассиса бо сабаби заруриятри истеҳсолӣ | Дар вақти зарурӣ |
| 24 | Фармоиш дар бораи ба рухсатии навбатии меҳнатӣ баровадани кормандони муассиса дар асоси ариза ва муҳлати қоидавӣ | Июн |
| 25 | Фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул барои овардани бланкаҳои дипломҳо ва шаҳодатномаҳо аз идораҳои болоӣ | Июн |
| 26 | Фармоиш дар бораи зиёд ё кам кардани сарбории омӯзгорон бо нишон додани сабаб ва миқдори соат | Дар вақти зарурӣ |
| 27 | Фармоиш дар бораи додани дипломҳо ва дараҷаи тахассусӣ ба хонандагон дар асоси протоколи имтиҳонӣ, яъне қарори Комиссияи аттестасионӣ ва қарори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ | Июл |
| **28** | Фармоиш дар бораи ҷазо додани кормандон (сарзаниш, танбеҳ ва ё аз вазифа сабукдӯш намудан ) дар асоси қарори маҷлиси иттифоқи касаба ё қарори Шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ бо нишон додани сабаб | Дар вақти лозимӣ |
| 29 | Фармоиш дар бораи иваз намудани ному насаби кормандону хонандагон дар асоси ариза, бо нишон додани сабаб | Дар вақти зарурӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 30 | Фармоиш дар бораи ба рухсатии иловагӣ бе нигоҳдории музди меҳнат баровардани корман-дон дар асоси ариза бо нишон додани муҳлат ва банди моддаи КМҶТ | Дар вақти зарурӣ |
| 31 | Фармоиш дар бораи хориҷ намудани хонан-дагон аз ҳайати хонандагон бо нишон додани сабаб, асосан хатм намудани муассиса | Июл |
| 32 | Фармоиш дар бораи ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ дар муассиса | Мувофиқи нақша |

Набояд фаромӯш кард, ки барои дуруст сохтани фармоиш сарчашмаҳоро бояд таҳлил намуд, то ки фармоиш бар хилофи қонунҳои амалкунанда набошад. Асоси баровардани фармоишро ҳатман бояд нишон дод. Масалан, асоси фармоиш дар бораи озод намудан аз кор чунин аст: – банди 4 моддаи 44 -и Кодекси меҳнатии Ҷумхурии Тоҷикистон ба сабаби ба поён расидани муддати паймони кор, б.1. м.53 – ба сабаби даъват ба хидмати низомӣ, м.35 – ба сабаби гузаштан ба корхонаи дигар, м.45 – ба хоҳиши худ, б.1.м.46 – ба сабаби ихтисори басти вазифаҳо (штатӣ), б.2.м.46 – ба сабаби бад будани вазъи саломатӣ, б.4.м.46 – ба сабаби бесабаб ҳозир нашудан ба кор, б.6.м.46. ба сабаби дар ҳолати мастӣ омадан ба кор, б.3. м. 46 –и КМҶТ – ба сабаби мунтазам иҷро накардани вазифаҳо, б. 12 м. 46 – ба сабаби кирдори хилофи ахлоқ ва ғ. Дар фармоиш вақти навиштани ариза нишон дода мешавад.Сарлавҳаи фармоишро набояд фаромӯш кард.

*Ба чоп 25.10.2016 имзо шуд. Формат 60х84 1/16 2 в.ш.ч.*
*Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.*
*Адади нашр 100 нусха.*

*Дар ҶДММ «Мансун» чоп шудааст*